Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-077
назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
(734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2)

## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Раҷабзода Маҳмадулло дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот. Душанбе, 2025**

Дар шароити муосири босуръати рушди илму техника ва технология арзёбӣ намудани тамоми самтҳои афзалиятноки таҳқиқот, аз ҷумла, педагогика яке аз масъалаҳои муҳим ва доманадоре барои рушди бахшҳои воқеии иқтисодиёту иҷтимоёти ҷомеа ба шумор меравад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Раҷабзода Маҳмадулло маҳз ба яке аз мавзуъҳои муҳим ва то ҳол наомӯхташуда дар илми педагогикаи ватанӣ маҳсуб шуда, муаллифи он тавонистааст, ки як самти навро дар илми педагогикаи миллӣ корбаст намояд.

Мусаллам аст, ки дар шароити кунунӣ мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор додани самтҳои нав ва афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ дар низоми илми ватанӣ яке аз масоили саривақтист, ки дар ин замина М. Раҷабзода бо баррасии **«Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд»** тавонистааст, ки саҳми худро дар ин самт гузорад.

*Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия пешниҳод шудааст.*

Таҳқиқоти диссертатсионии Раҷабзода Маҳмадулло, ки дар мавзуи **«Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд»** таҳия шудааст, дар иртибот бо самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мутобиқат менамояд.

*Мубрам будани мавзуи диссертатсия.*

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ** ба он равона шудааст, ки таҳаввулоти даврони истиқлоли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа таъсир расонид ва табиист, ки илмҳои педагогӣ низ аз ин истисно набуданд. Аҳаммияти иҷтимоии илмҳои педагогиро дар даврони мазкур саҳми воқеие, ки онҳо дар ҳалли масъалаҳои ислоҳоти зинаҳои таҳсилот, таъмини илмӣ-методии онҳо, баланд бардоштани

самаранокии таҳсилот, тарбияи насли наврас, бунёди неруи фикрии ҷомеа, ташаккули муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва рушди ҳамаҷонибаи кишвар гузоштааст, тақвият бахшид. Аз ин ҷост, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар (30 майи соли 2024) қайд намуданд, ки «Истифодаи самарабахши натиҷаҳои илми бунёдӣ ва амалӣ яке аз омилҳои муҳимми рушди устувори ҳар як давлат мебошад».

Чи тавре ки диссертант қайд намудааст дар натиҷаи кӯшишҳои пайваста ва силсилаи пажуҳишҳои илмии олимони соҳаи педагогика имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳимми илми ватанӣ – квалиметрия ташаккул меёбад, ки ба омӯзиши қонуниятҳои рушди илм ҳамчун низоми мукаммал ва шакли махсуси фаъолият машғул аст. Тавсияҳои он барои коркарди аз нигоҳи илмӣ асосноки принсипҳои созмондиҳӣ, банақшагирӣ, маблағгузорӣ ва идоракунии илм равона карда шудаанд. Новобаста ба ин, то имрӯз дар Тоҷикистон ягон таҳқиқоти бунёдии мушаххас, кашфиёту ихтироот ё методикаи илмие анҷом дода нашудааст, ки ба арзёбии воқеии сатҳу сифат ва самаранокии фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, муқоисаи асоснокии илмии пажуҳишҳо дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дар соҳаи педагогика, бахшида шуда бошад.

Ҳамзамон, муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти мазкурро, инчунин, зарурати воқеӣ ҷиҳати беҳтар намудани сатҳу сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ дар Тоҷикистон, мавҷуд набудани заминаи кофии методологӣ, назариявӣ ва иттилоотӣ ҷиҳати минбаъд анҷом додани таҳқиқоти босифату самаранок собит месозад. Илова бар ин, муҳиммияти коркарди мавзуи мавриди назар аз зарурати мушаххасгардонии тартиб, меъёру нишондиҳандаҳои квалиметрӣ, коркарди матритсаҳои таҳлили квалиметрии натиҷаҳои таҳқиқоти педагогӣ, арзёбии сатҳу сифати онҳо ва умуман, таҳқиқ нагардидани мавзуи мазкур дар илми миллӣ бармеояд.

*Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.*

Вобаста ба навгонии таҳқиқиоти диссертатсионӣ ҳаминро бояд қайд намуд, ки диссертант тавонистааст, ки нахустин маротиба дар соҳаи илми педагогикаи ватанӣ таҳқиқоти педагогии олимони тоҷикро дар даврони истиқлоли давлатӣ аз нигоҳи квалиметрӣ ҳамаҷониба мавриди омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили амиқи илмӣ қарор дода, онҳоро ба як низоми муайяни илмӣ корбаст намояд.

Ҳамчунин, диссертант зимни таҳқиқи мавзуъ **нуктаҳои бисёр муҳимро ҷиҳати дифоъ** дар панҷ баст пешниҳод намудааст, ки дар диссертатсия ва автореферат ба таври возеҳ оварда шудаанд.

*Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.*

Диссертант зимни омӯзиш ва баррасии мавзуъ эътимоднокӣ ва асоснокии нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқотро бо мухолифат надоштани интихоби равишҳои методологӣ, репрезентативӣ будани интихоби матни таҳқиқоти монографӣ, диссертатсияҳо, автоefератҳо ва тақриз ба онҳо, инчунин, гуногунрангӣ ва ба ҳам мувофиқат кардани истифодаи методҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, аз ҷумла таҳлили квалиметрӣ, муайян намудааст. Боэътимодии нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, тавассути муқоисаи далелу рӯйдодҳо, машварат ва муҳокимаи ҳамаҷониба бо мутахассисону коршиносони соҳаи таҳқиқ озмуда шудааст.

*Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.*

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва назариявии таҳқиқот** дар он зоҳир гардидааст, ки методологияи педагогикаи муосири миллӣ дар заминаи истифодаи дастовардҳои илмии квалиметрия такмил ёфта, низоми мафҳумии он бо истилоҳоти тозаи илмӣ таъмин ва ҷиҳати рушди минбаъдаи илмҳои педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсияи аз нигоҳи илмӣ асоснок таҳия ва пешниҳод мегардад. Ба аспирантону унвонҷӯён, докторантон аз рӯйи ихтисоси соҳаи илмҳои педагогӣ барои ташхиси раванд ва натиҷаҳои таҳқиқот тавсияҳо дода шуда, сатҳи заҳматталабии раванди арзёбии сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, аз ҷумла, таҳқиқоти диссертатсионӣ коҳиш дода мешавад.

Ҳамзамон, маводи таҳқиқоти мазкур дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ, инчунин, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии самти педагогӣ метавонанд татбиқ гарданд. Ҳамчунин, нуктаҳо ва натиҷаҳои диссертатсия дар фаъолияти шуъбаҳои омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва пажуҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ метавонанд мавриди истифода қарор дода мешаванд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он зоҳир гардидааст, ки ӯ бевосита аз манбаъҳои муътамади илмӣ, оморӣ ва маводи бойгонӣ истифода бурда, тӯли солҳои зиёд дар раванди арзёбии илмии рисолаҳои ҳимояшаванда оид ба илмҳои педагогӣ ба сифати узви шурои диссертатсионӣ, муқарриз, муқарризи расмӣ бевосита ширкат варзида, тавассути он аз методҳои квалиметрии арзёбии сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таври васеъ истифода бурдааст. Дар заминаи омӯзиш муҳаққиқ тавассути таҳияи матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия, нашри асару мақолаҳои илмӣ бори нахуст афзалияти истифодаи методҳои квалиметриро дар ҷараёни арзёбии сатҳу сифати таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ, аз ҷумла диссертатсионӣ, собит намудааст.

*Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.*

Диссертант дар давоми омӯзиш ва таҳқиқи мавзуъ 6 монография ва 41 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 21 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расониидааст, ки ин нишондод шоистаи таҳсин аст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, 4 боб, 12 зербоб, хулоса ва тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, рӯйхати адабиёт таркиб ёфтааст.

Дар муқаддима муҳаққиқ доир ба мубрамият, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои назариявӣ ва методолгии таҳқиқ, навгониҳои илмӣ ва дигар ҷанбаҳое, ки дастгоҳи илмии диссертатсияро мукаммал мегардонанд, сареҳан бо диди воқеӣ ва илмӣ асоснок намудааст.

Боби якуми диссертатсия ба **“Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқоти педагогӣ ва арзёбии он”** бахшида шуда, аз 3 зербоб таркиб ёфтааст. Дар ин боб моҳияти таҳқиқоти педагогӣ, методология, методҳои муосир ва масъалаҳои мубрами он, таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчун воситаи муҳимми рушди таҳқиқоти бунёдӣ ва амалии педагогӣ, квалиметрия самти муҳими рушди илмҳои педагогӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтаанд. Дар идомаи таҳқиқ муҳаққиқ доир ба масъалаҳои муносибати квалиметрӣ нисбат ба рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ, монографияҳо ва мақолаҳои илмий маълумоти илмӣ овардааст.

Ҳамчунин, дар ин боб дар натиҷаи таҳлил дар шакли ҷадвалҳои алоҳида градатсияи таҳлили квалиметрии диссертатсияҳо, натиҷаи таҳлили квалиметрии диссертатсияҳо, матритсаи таҳлили квалиметрии диссертатсия (МТКД), рейтинги илмии кафедра, муассисаи илмӣ-таҳқиқотӣ, баҳои квалиметрии фаъолияти ҳайати ходимони илмӣ таҳия шудаанд, ки бешак ҷиҳати рушди ин низом муосидат мекунад.

Яке аз муваффақияти дигари муҳаққиқ дар он аст, ки заминаи таҳлили ҳар бобу зербоб пешниҳоду тавсияҳои илман асоснокро баён намудааст.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ **“Квалиметрияи таҳқиқоти педагогии ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотии Тоҷикистон”** унвон гирифта, аз се зербоб иборат аст. Таърихи ташаккул ва рушди низоми таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистон ва таҳлили квалиметрии он, квалиметрияи фаъолияти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва зерсохторҳои он дар самти таҳқиқи проблемаҳои умумипедагогӣ ва дидактикӣ, таҳлили квалиметрии таҳқиқоти масъалаҳои муосири педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои баррасишавндаи боби мазкур ба шумор меравабанд.

Диссертант ҷойгоҳ ва муҳиммияти таҳқиқи проблемаҳои истилоҳоти педагогиро мавриди омӯзиш қарор дода, қайд менамояд, ки дар ин радиф

омӯзиши осори илмӣ оид ба тавсифи генетикии сарчашмаҳои ба забон наздик нақши калон мебозад. Ин имкон медиҳад, ки методология, методҳои интихоб, сохтор, шакл ва пайдоиш ва рушди низоми истилоҳот муайян карда шуда, равандҳои ташаккули забони илм ва истилоҳоти забони муосири тоҷик танзим карда шаванд.

Ҳамзамон, диссертант дар ин боб барои ҳаллу фасли проблемаҳои умумипедагогӣ ва дидактикӣ, таҳсилоти фарогир, муайянсозии ҷойгоҳ ва нақши истилоҳоти педагогӣ дар рушди таҳқиқоти педагогӣ муҳаққиқони тоҷик ва масъулони соҳаи илму маориф кишвар якчанд тавсияҳои муҳимму мушаххас пешниҳод намудааст.

Боби сеюми диссертатсия ба **“Квалиметрияи таҳқиқоти педагогии диссертатсионӣ дар даврони истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”** бахшида шуда, аз се зербоб иборат аст. Дар боби мазкур квалиметрияи таҳқиқоти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва шуроҳои диссертатсионии он, таҳлили квалиметрии фаъолияти шуроҳои диссертатсионии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, квалиметрияи таҳқиқоти Шурои диссертатсионии ватании назди Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар раванди такмили методологияи таҳқиқоти илмӣ ва ташаккули талаботи расмӣ нисбат ба диссертатсияҳо омӯзиши ҷараёни ташкил ва таҷрибаи аввалин шӯроҳои диссертатсионӣ дар Тоҷикистон басо муфид мебошад.

Таъкид шудааст, ки таҳлили квалиметрии вазъият ва инкишофи неруи илмии низоми муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла шуроҳои диссертатсионии назди онҳо низ бояд дар заминаи истифода аз усулҳои муосири квалиметрӣ ба роҳ монда шавад. Ин боиси мушаххас намудани ҷанбаҳои сифатию шуморавии на танҳо фаъолияти шурои ҷудогонаи диссертатсионӣ, балки таҳқиқоти алоҳида ва неруи зеҳнии муҳаққиқи он мегардад.

Боби чоруми таҳқиқоти диссертатсионӣ **“Дурнамои рушди таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол”** ном гирифта, аз се зербоб иборат аст. Боби мазкур фарогири баррасии масъалаҳои ташаккули низоми миллии тарбияи кадрҳои илмӣ - марҳилаи сифатан нави рушди илмҳои педагогӣ, самтҳои афзалиятноки рушди таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ҳамчун омили рушди илмҳои педагогӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад.

Қайд гардидааст, ки оғози фаъолияти Муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои олимону муҳаққиқони тоҷик ширкати бевоситаву мустақими онҳоро дар

баробари соҳиб шудан ба арзишгузориҳои миллӣ дар кишвари худ ва дарёфти дараҷаҳои илмӣ дар доираи меъёрҳои милливу байналмилалӣ имкони иштирок дар тарғиби натиҷаҳои таҳқиқоти рисолавӣ, ба мақсади истифодаи васеи онҳо барои ҳалли масъалаҳои мубрами иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ширкати фаъолона дар ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмию педагогӣ ва ҳамчунин имкони ширкат дар баррасию баҳодиҳӣ ва экспертизаи лоиҳаҳо ва барномаҳои илмӣ ва илмию техникиро ба даст овcovered.

Хусусияти дигар ва басо муҳимми низоми ҳамкориҳои байналмилалӣ ин гуногунмеъёрии он мебошад. Ҳангоми муайян кардани сатҳи самаранокии низоми мазкур меъёрҳои гуногуни арзёбӣ пешниҳод шуда метавонанд.

Натиҷаҳои бобу зербобҳо ва хулосаи умумии диссертатсия ҷамъи ақидаю назари диссертантро нишон медиҳад. Дар ин қисмати кор муаллиф вобаста ба ҷамъбасти таҳқиқот, муайян намудани мушкилот, роҳҳои рафъи он маълумот дода, пешниҳодоти судмандро ҷиҳати рушду густариши илмҳои педагогӣ дар кишвар аз нигоҳи квалиметрӣ баён намудааст.

Автореферат ва мақолаҳои нашршудаи диссертант мазмуну мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсиониро пурра инъикос менамоянд. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дорои арзиши баланди илмӣ буда, фарогири масъалаҳои муҳим дар рушди низоми илми педагогикаи ватанӣ мебошад.

Бо вуҷуди муваффақияту дастовард дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе камбудиҳои зерин ба чашм мерасанд, киислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Хуб мешуд, ки муаллифи диссертатсия мафҳуми “квалиметрия”-ро дар илми тоҷик бо вожаи махсусе унвон дода, пешниҳоди асоснок менамуд;

2. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар баробари Академияи таҳсилоти Тоҷикистон яке аз ниҳодҳо дар самти таҳқиқи проблемаҳои умумидидактикӣ ва дидактикиӣ дар кишвар маҳсуб мешавад. Вобаста ба ин, дар боби 2-юми диссертатсия таҳлили квалиметрии он низ ба таври ҷудогон мавриди арзёбӣ қарор дод мешуд, ба манфиати кор буд;

3. Дар боби 3-юми диссертатсия шуроҳои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ мавриди таҳлили квалиметрӣ қарор гирифтаанд. Дар баробари ин фаъолияти онҳо мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор мегирифт боз натиҷаи хубтар ба даст меомад.

4. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе ғалатҳои китобатӣ ва техникӣ ба чашм мерасад, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

Бояд гуфт, ки камбудиҳои зикршуда арзиши илмии таҳқиқотро халалдор карда наметавонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Раҷабзода Маҳмудулло дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили квалиметрии вазъ, мушкилот ва дурнамои рушд» ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогика, психология ва методикаи таълими
Донишгоҳи давлатии Хоруғ
ба номи Моёншо Назаршоев Булбулов Ҷумъа

Имзои Ҷ. Булбулов-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси ДДХ ба номи М. Назаршоев Саидраҳмонов Н.С.
«12» 04 соли 2025

**Нишонӣ:** 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ, ш. Хоруғ, кӯчаи Шириншоҳ Шоҳтемур, 28. Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев.
Тел.: +992 (835)2-45-79, Сомона: www.khogu.tj